# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.02.2026, №76**

Барои сазовор донистани Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 12 декабри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №99 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, 29 – уми майи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ ва соли 2015 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси **молия ва қарз** хатм кардааст.

Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо аз соли 2012 то соли 2017 ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, аз соли 2017 то соли 2020 ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кору фаъолият намуда, аз 31 марти соли 2020 то инҷониб муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар ҷаласаи Шурои олимони ДДТТ аз 12 – уми марти соли 2022, бо қарори №10 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ** Султонов Зоир Султонович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Қодирзода Хуршед Қодир** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**- Ҳуейнов Умарҷон Саидакбарович** – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, муаллими калони кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ Исматзода А.Ф. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №7, аз04.02.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. санаи 06.02.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин баровarda шудааст, ки диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи "Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир" таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Рӯхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Маҳмаризозода Б.М. Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2025. -№ 1 (56) 1/2025 С.230-235. ISSN 2308-054X.

**[2-М].** Маҳмаризозода Б.М. Баҳодиҳии ҳолати иқтисодии муассисаҳои ғайрибуҷетии соҳаи маориф ва тақвият ёфтани он тавассути дасгирии давлатӣ [Матн] / З.С Султонов Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№ 4/1 (54). С.317-323. ISSN 2308-054X.

**[3-М].** Маҳмаризозода Б.М. Тартиби пардохтҳои ҳатмӣ ва андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№ 4/1 (54). С.192- 197. ISSN 2308-054X.

**[4-М].** Маҳмаризозода Б.М. Тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /З.С Султонов Б.М. Маҳмаризозода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. -№4/ (59). 2024 С.197-200. ISSN 2707-8000

**[5-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Асосҳои назариявии андозбандии муассисаҳои олии таълимӣ дар шароити муосир [Матн] /Ғ. Д. Ашуров, А. Р. Қурбонов, Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№2/1 (46).С.52-55. ISSN 2308-054X.

**[6-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Вазъи муосири андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили он дар Ҷумҳурии Таҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№4/2 (50).С.195-202. ISSN 2308-054X.

**[7-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Мушкилоти танзим ва маъмурияти андоз дар муасисаҳои олии касбӣ [Матн] / Ғ. Д. Ашуров, Б.М. Қурбонов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- «Дониш» Душанбе, 2023. -№3,2023 (272).С.137-144.

**[8-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Андозбандии муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2022. -№ 2 (14).С.61-64. ISSN 2707-9996.

**[9-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Чанд тавсия оид ба рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/2 (39).С.92-95. ISSN 2308-054X.

**[10-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Таҷрибаи хориҷии андозбандии низоми маориф [Матн] / Ғ Д Ашуров Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/1 (38). С.125-127. ISSN 2308-054X.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[11-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Тартиби андозбандии муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Маводи конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди техналогияҳои рақамӣ дар шароити муосир». -Душанбе, 2023. -С. 132-135.

**[12-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Мавқеи андозбандӣ низоми муносибатҳои тақсимотии арзиш [9-М]. А.Р Қурбонов., Н.Д. Максумова., Б.М. Қурбонов / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инновасионнӣ». -Душанбе, 2021. -С. 211-216.

**[13-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Фалсафаи андоз ва андозбандӣ [Матн] / Қурбонов. А.Р., Қурбонов Б.М. // Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир. -Душанбе, 2019. -С. 56-63.

**[14-М].** Қурбонов Б.М. (Маҳмаризозода Б.М.) Хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / А.Р Қурбонов, Б.М. Қурбонов [Матн] / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи – Таджикистан и соврменный мир:

Актуальные проблемы развития инновационной экономики. – ш. Душанбе 2018. - С. 339-342.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Тақриз аз ҷониби Самандарзода Искандар Ҳусейн - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур, бо чунин эродҳо:**

1.Дар саҳифаи 15. муаллиф қайд менамояд, ки бисёр манфиатовар мебуд, агар воридот ва истеҳсоли мебел ва дигар лавозимоти соҳаи маориф ва илм аз андози арзиши иловашуда озод бошанд, ин фикр қобили қабул аст, вале раванди амалишавии он асоснок карда нашудааст.

2. Барои ташкили муассисаи олии таълимии худмаблағгузор ва оптималикунонии низоми андозбандии он ба манфиати давлат зарур аст, ки аз амсилаи оптимизатсионии мазкур истифода бурда шавад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешуданд.

**2. Тақриз аз ҷониби Додоматов Далерҷон Нишонбоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтери ДДҲБСТ, бо чунин эродҳо:**

1.Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ муаллиф чунин мепиндорад, ки дар сурати зиёд гаштани муассисаҳои таҳсилотии дар асоси худтаъминкунӣ фаъолияткунандаи тамоми зинаҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ асосан ба самти муассисаҳои буҷетии таҳсилотӣ равона карда шуда, маблағгузорӣ низ ба маротиб метавонад афзоиш ёбад, аммо ақидаи худро ба таври зарурӣ тавзеҳ надодааст.

2.Дар расми 3 (саҳ.21) омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи хавфи андозӣ таҳия гардидааст, аммо ин омилҳо тавсиф дода нашудаанд.

**3. Тақриз аз ҷониби Султонов Мусулмон Субҳонович - н.и.и., дотсенти кафедраи молияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, бо чунин эродҳо:**

1.Дар расми 2. Саҳ.16 автореферат мушкилоти асосии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар асоси омӯзиши вазъи соҳа нишон додааст, аммо онҳоро тавсиф ё асоснок накардааст;

2. Муаллиф зикр менамояд, ки таҳқиқот ба баланд бардоштани самаранокии механизми андозбандӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ нигаронида шуда аст (саҳ 24.), аммо дар автореферат маълумоти кофӣ дида намешавад.

**4. Тақриз аз ҷониби Ҳасанов Абдураҳим Раҳмонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат ҳангоми пешниҳоди маводҳо пайдарпайии мантиқӣ риоя нашудааст;

2. Дар расми 5. Мукаммалгардонии механизми андозбандии МТОК (таҳияи муаллиф) шарҳ дода нашудааст, аммо зарурияти истифодаи онро дар амалия ба таври зарурӣ шарҳу эзоҳи наёфтааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **консепсияи муаллифии "андозбандии иҷтимоӣ-нигаронидашуда”** пешниҳод шудааст, ки тибқи он низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бояд ба хусусиятҳои хоси ин соҳа (худмаблағгузорӣ ва аҳамияти стратегӣ барои давлат) мутобиқ карда шавад. Консепсияи муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки андоз на танҳо ҳамчун фишанги пур кардани буҷет, балки ҳамчун категорияи муҳими иқтисодию иҷтимоӣ ва воситаи стратегии танзими соҳаи маориф баррасӣ шудааст. Ин равиш такмили муносибатҳои андозиро на танҳо барои ҷамъоварии маблағ, балки барои паст кардани "гаронии андоз" ва баланд бардоштани сифати таълим зарур мешуморад.

- ***пешниҳод шудааст:*** Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф пешниҳодҳои мушаххаси зеринро барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи иқтисодӣ пешниҳод намудааст: а) **гурӯҳбандии соҳавӣ:** Пешниҳод шудааст, ки андозбандии соҳаи маориф вобаста ба зинаҳои таҳсилот ҷудо карда шавад; б) **Такмили Кодекси андоз:** Таҳия ва ворид намудани фасл ё боби алоҳида дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки махсус ба танзими андозбандии соҳаи маориф бахшида шудааст. В) **Имтиёзҳои андозӣ:** Баробар намудани муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт (сайёҳӣ, кишоварзӣ ва ғ.) дар масъалаи додани имтиёзҳои андозӣ.

- ***исбот шудааст:*** 1) андозҳо дар соҳаи маориф бояд ҳамчун пардохтҳои зарурӣ барои таъминоти хароҷоти давлатӣ, вале бо назардошти манфиатҳои аъзоёни ҷамъият ва манбаъҳои қонунӣ амал намоянд. 2) озод намудани МТОК аз супоридани андоз аз арзиши иловашуда (5%) боиси танзими боадолатонаи хароҷоти маблағи таҳсил ва беҳтар шудани вазъи молиявии шаҳрвандон мегардад. 3) муайян карда шудааст, ки паст кардани гаронии андоз дар МТОК мустақиман ба афзоиши шумораи донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ ва устувории молиявии муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои мактабҳои асосии иқтисодӣ мувофиқат намуда, аҳаммияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада заминаҳои илмиро оид ба танзими андозии соҳаи маориф тақвият мебахшанд.

- ***аз дидгоҳи назариявӣ*** моҳияти андоз на танҳо ҳамчун фишори молиявӣ, балки ҳамчун **категорияи иқтисодию иҷтимоӣ** дар шароити муосири Тоҷикистон мавриди таҳқиқи нав қарор дода шудааст. Ин имкон медиҳад, ки нақши андоз дар равандҳои иҷтимоӣ (махсусан дар соҳаи маориф) аз нуқтаи назари назариявӣ амиқтар дарк карда шавад.

**- дастгоҳи мафҳумӣ мукаммал карда шудааст** ва муаллиф мафҳумҳои «андоз» ва «низоми андоз»-ро дар робита бо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) мушаххас намуда, нуқтаи назари нави илмиро пешниҳод кардааст, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳавӣ заминаи назариявӣ мегардад.

- ***методологияи нави арзёбӣ*** асоснок ва пешниҳод шудааст. Дар кор усулҳои ташаккул ва такмили низоми андозбандии МТОК нишон дода шудаанд, ки ба **арзёбии объективии самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ** бо дарназардошти омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунанд.

- ***имтиёзҳои соҳавӣ асоснок*** карда шуда, аз ҷиҳати илмӣ зарурати ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ барои соҳаи маориф (ҳамчун соҳаи стратегӣ) асоснок карда шудааст, ки ин назарияи адолати андозбандиро дар шароити иқтисоди бозорӣ такмил медиҳад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Назарияи андоз», «Менеҷменти андоз», «Маъмурикунонии андоз» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқ 14.01.2025№398/1). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ 03.02.2025 №2379/11,1) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***амсиласозии*** иқтисодӣ – математикӣ таъсири муайяни омилҳо ошкор карда шуда, дар чаҳорчӯбаи он тавсияҳои илмии низоми андозбандии МТОК пешниҳод гардидааст. Бо истифода аз амсилаи оптимизатсионии таҳияшудаи мо, ташкили муассисаи таҳсилоти олии худмаблағгузор ва оптималикунонии низоми андозбандии он ба манфиати давлат мебошад. Ҳангоми таҳқиқот самтҳои асосии такмили механизми андозбандии МТОК муайян гардида, раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст

- ***стратегияи*** мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бо мақсади омӯзиши ҷанбаҳои илмӣ-назариявии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои амалӣ намудани онҳо тавассути ташаккул ва такмили низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити имрӯза нишон дода шудааст, ки он ба такмили муносибатҳои нави андозӣ, беҳтар намудани сатҳ ва сифати андозсупории муассисаҳои таълимиро нишон медиҳад.

- ***пешниҳод шудааст*** оид ба такмили механизми андозбандии МТОК, раванди банақшагирии пардохти андозҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо илман асоснок шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ташкили муносибатҳои андоз ва андозбандӣ яке аз шартҳои асосии эъмори давлату давлатдорӣ эътироф гардида, омӯзиши муносибатҳои танзиму такмили низоми идоракунии андозбандӣ, масоили андозбандии муассисаҳои таълимӣ, инчунин, Стратегияҳо, Қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромаду суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба самти мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои марбутаи андозу андозбандии соҳаи маориф иборат мебошанд, дар бар гирифтааст.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи баланд бардоштани нақши давлат дар такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: 1) баланд бардоштани сифати таълим, ки ба талаботи рушди шахсият, ҷомеа ва рушди устувори кишвар ҷавобгӯ мебошад, таъмини мутобиқати бозори хизматрасониҳои таълимӣ бо талаботи бозори меҳнат; 2) мукаммал ва устувор намудани низоми андозӣ дар кишвар, ки тавонад талаботҳои сармоягузорони хориҷиро таъмин намуда, ҷалби онро боз ҳам тақвият бахшад; 3) таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатӣ оид ба иҷроиши саривақтии даромадҳои андозиву ғайриандозии буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ; 4) ҷорӣ намудани низоми муосири электронии баҳисобгириҳои андозӣ, такмили усулҳои банақшагирӣ ва пешгӯйӣ. Баҳисобгирии пешакии (панҷ солаи) даромадҳои андозӣ ва муайян намудани мушкилот ва самтҳои рушди интенсивии он; 5) озод намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба онҳо, аз ҷумла барои хариди воситаҳои асосӣ.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- ***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 83,4% ва 81,25% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои амалиётҳои андозбандии муассисаҳои олии касбиро, ки рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити мусир аз он вобаста мебошад, муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ

ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбро дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 14 мақола, аз он ҷумла 10-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмаризозода Бадриддин маҳмаризо дар мавзуи "Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1.1, 1.3, 2.4, 2.5, 2.6 ва 2.9-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 27.02.2026 қарори сазовор донистани Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта (1 нафар тариқи маҷозӣ) овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Факеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**27 феврали соли 2026.**